**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Зокиров Сухроб Ибодович дар мавзуи «Нақши арзишҳои маънавӣ дар фазои дигаргуниҳои фарҳангии ҷомеаи муосири Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ) пешниҳод гардидааст.**

Мавзуи маънавият дар заминаи дарки мушкилоти ҷаҳони муосир ва буҳрони амиқи системавии он аҳамияти хоса пайдо мекунад. Буҳрон, бинобар сабаби маҳрум шудан аз арзишҳои ахлоқии инсонпарварона, ба манфиатҳои сиёсию идеологӣ тобеъ намудани ахлоқ ба вуҷуд омадааст. Маълум мегардад, ки барои бартараф намудани чунин буҳрон танҳо ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию ҳуқуқӣ кифоя нест. Зарурати ташаккули ҷаҳонбинии нав ба вуҷуд меояд. Ғайримуқаррарӣ будани ҳаёти имрӯза дар он аст, ки ҳалли проблемаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ бе рушди идеалҳои нав, бе идеяи бузург, имконнопазир мегардад. Имрӯз эътироф гардидааст, ки ҷустуҷӯи роҳи ҳалли тамоми маҷмуи проблемаҳои замони ҳозира ин эҳёи маънавии инсон ва ҷомеа ба шумор меравад.

Тағйирпазирии ҷаҳони муосир аз инсон на танҳо дарки воқеияти атроф, балки амали фаъолонаро дар ба роҳ мондани ҳастии худ, ҷустуҷӯи роҳҳои самарабахши таъсири олами ботинии ӯро бо олами иҷтимоӣ талаб мекунад. Инсон бо ҳифзи худ аз ин раванд иртиботро бо маънои аввалиндараҷаи ҳузури худ дар ин олам гум мекунад, ки дар навбати худ боиси аз байн рафтани тамоюлоти зиндагӣ мегардад.

Аз байн рафтани арзишҳои ҷомеаи шуравӣ эҳтиёҷоти аз нав дида баромадан ва арзёбии онҳоро дар назар дорад. Фазои иҷтимоии олами муосирро одамоне ташкил медиҳанд, ки онҳо аз ҳамдигар на танҳо бо тасаввурот дар бораи ҳаёт, балки бо маҷмуи арзишҳояшон, ки баъзан ба ҳамдигар муқобиланд, низ фарқ мекунанд. Пешрафти техникӣ инсониятро ба вазъияти буҳронӣ рӯ ба рӯ гардонд, ки дар он ҷомеаи истеъмолӣ қобилияти қабул ва дарки арзишҳои маънавӣ, муайян кардани аҳамияти онҳоро дар ташаккули шахсият ва ҳадафҳои пурмазмуни зиндагӣ ва дар асоси онҳо барпо намудани муносибатҳои байнишахсиро гум кард.

Зарурати аз нав дида баромадани тавҷеҳи арзишҳои мавҷуда ҳам барои шахси алоҳида ва ҳам барои тамоми ҷомеа, ки низоми муайяни арзишҳоро барои шаҳрвандони худ ташкил медиҳад, ба миён меояд. Арзишҳои маънавӣ бояд на танҳо бо арзишҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар як қатор қарор гиранд, балки бар онҳо бартарӣ дошта бошанд ва на танҳо ба иҷтимоишавии шахсият дар ҷомеа мусоидат намоянд, балки роҳи ҳақиқӣ ва маънои ҳастии инсонро низ нишон диҳанд. Онҳо вазифаи танзимкунандаро дар ҷомеа иҷро

намуда, барои пешгирӣ аз эҷоди фазои иҷтимоии оштинопазир равона шудаанд.

Дар ин маврид диссертатсияи номзадии Зокиров Сухроб Ибодович, ки ба мавзуи «Нақши арзишҳои маънавӣ дар фазои дигаргуниҳои фарҳангии ҷомеаи муосири Тоҷикистон», бахшида шудааст, яке аз мавзуъҳои ҷолиби диққат ва мубрам, махсусан дар замони муосир барои ҷомеаҳои дар ҳоли рушд қарордошта, маҳсуб ёфта, масъалаҳоеро дар бар мегирад, ки на танҳо аҳамияти назариявӣ, инчунин, аҳамияти илмӣ-амалӣ низ доранд.

Аз мазмун ва муҳтавои автореферати диссертатсия, ки дар ҳаҷми 29 саҳифа омода гардидааст бармеояд, ки он фарогири муқаддима, ду боб ва шаш зербоб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда мебошад. Дар муқаддимаи автореферат аҳамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи коркарди он ва робитаи таҳқиқот бо барномаҳои илмӣ (лоиҳаҳо), объект, мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, фарзияи таҳқиқотӣ, асосҳои назариявӣ, амалӣ ва методологии таҳқиқот, заминаи таҳқиқот, навоварии илмии таҳқиқот, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мувофиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, саҳми шахсии довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ, тасдиқ ва татбиқи натиҷаҳои диссертатсия, интишорот оид ба мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия асоснок карда шудааст.

Дар муқаддима диссертант таъкид месозад, ки раванди ҳаёти ҷамъиятӣ дар баробари арзишҳои моддӣ, инчунин, соҳаи маънавиро низ дар мадди назари субъектҳои дигаргунсозиҳои иҷтимоӣ қарор медиҳад, зеро соҳаи мазкур аз бисёр ҷиҳат такягоҳу қутбнамои маънавии тамоюли инкишофи онҳо ба шумор меравад. Маҳз ҳамин ҷанбаи ҳаёти маънавӣ нақши онро дар танзиму идоракунии ҳаёти ҷамъиятии ҳар як давру замон меафзояд ва онро дар маркази таваҷҷуҳи пажӯҳишӣ қарор медиҳад. Дар диссертатсия арзишҳои маънавӣ дар қаринаи дигаргуниҳои ҳаёти ҷамъиятии ҷомеаи тоҷикистонӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст, ки аҳамиятнокии мавзуи таҳқиқотиро тақвият медиҳад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ ба чор тарзи гурӯҳбандии маводи илмие, ки омӯзиши масъалаҳои мазкурро дар дӯш доранд, инъикос гардидааст. Таҳлили адабиёти дахлдори мавзуъ аз асарҳои бунёдии назарияи илмӣ ба монанди таҳқиқоти Ф. Г. Ҳелдерлин, Г. Клейст, В. Мюллер, Новалис, Л. Тик, Ф.В. Шеллинг ва Ф. Шлегел-намояндагони фалсафаи романтизм оғоз гардида, бо комёбиҳои илмии олимони тоҷик дар соҳаи таҳқиқи хеле фарох ба мақоми арзишҳои маънавӣ дар ҳаёти ҷомеа аз ҷониби М. Шакурӣ, Самиев А.Ҳ., Идиев Х.У., Саидов А., Раҳимов С.Х., Амиров Р.А., Латифзода Д.Н. ва дигарон интиҳо мeёбад. Навгонии таҳқиқот вобаста ба ҳар як зербоби диссертатсия бо мақсади муайян намудани комёбӣ ва муваффақияти илмӣ пешниҳод гардидааст ва дар робита бо андешаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда дарҷ мешавад, ки мазмуни диссертатсияро боз ҳам қавитар менамояд. Дар қисмати асосии кор мазмуни фишурдаи бобҳо ва зербобҳои диссертатсия оварда шудааст.

Боби якуми рисолаи илмӣ – «Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқи нақши арзишҳои маънавӣ дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа» унвон гирифта, диссертант дар маҳдудаи се зербоб бо такя ба ахбори манобеи фалсафию ичтимоӣ ва таҳқиқоти илмии муосир масъалаҳои назариявӣ-методологии таҳқиқ, масъалаи арзишҳои маънавӣ, таркиб, маҳсули муносибатҳои объективию субъективӣ ва бар асоси дарку талошҳои татбиқи талаботу манфиатҳо ва мақсадҳо ташаккул ёфтани онро мавриди таҳқиқу арзёбӣ қарор додааст. Аз назари муаллиф, ба таркиби арзишҳои маънавӣ метавон ҳамаи он арзишҳоеро, ки барои ташкили ҳаёти муносиби ичтимоии инсон муҳимманд, дохил намуд. Аз ин мавқеъ, ба таркиби арзишҳои маънавӣ арзишҳои хусусияти ахлоқӣ, зебоипарастӣ, илмию эътиқодӣ ва ғайра доштаро метавон мансуб донист. Ҳар кадоме аз ин унсурҳои таркибии арзишҳои маънавӣ дар диссертатсия ба таври махсус мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Муаллиф таъкид менамояд, ки арзишҳои маънавӣ дар маҷмуъ маҳсули истеҳсолоти маънавӣ ба шумор меравад. Зеро, вақте ки сухан оид ба вижагии арзишҳои маънавии ҷомеа меравад, аз нигоҳи фалсафаи ичтимоӣ, пеш аз ҳама, истеҳсолоти маънавии дараҷаи муайяни рушди ҷомеа дар назар дошта мешавад. Берун аз ин вобастагӣ ташаккули худ ба худи арзишҳои маънавӣ тасаввурнопазир мебошад.

Боби дуюми рисола– «Арзишҳои маънавӣ ҳамчун омили тағйироти фарҳангӣ дар ҳаёти ҷамъиятии Тоҷикистон» унвонгузорӣ гардида, диссертант дар доираи се зербоби он шаклҳои зуҳури таъсири арзишҳои маънавӣ ба дигаргуниҳои ҳаёти фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол, масъалаи таъсири осебҳои ичтимоию фарҳангӣ ба таъсиру нуфузи арзишҳои маънавӣ дар ҷомеа ва ҷанбаҳои танзими меъёрии ҳуқуқии нақши арзишҳои маънавӣ дар ҳаёти ҷомеаро мавриди таҳлил қарор додааст. Дар ин маврид диссертант таъкид менамояд, ки дигаргуниҳои дар ҳаёти ҷомеаҳои муосир баамаломада, аз як тараф, доираи ҷустуҷӯҳои башариятро барои эҷоди ҳар чи беҳтари асосҳои зиндагии мардум васеъ намуда бошанд, аз тарафи дигар, масъалаҳои зиддиятнокеро ҳам тавонистаанд ба вуҷуд оранд, ки ҷомеаи тоҷикистонӣ низ наметавонад аз онҳо дар канор монад. Масъалаҳои мазкури зиддиятнокро - қайд менамояд диссертант, дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа пайдо кардан мумкин аст, ки таъсирашон ба ҷанбаҳои ташкили фазои босуботи маънавӣ, аз ҷумла ҷанбаи ахлоқию арзишии он хеле равшан ба назар мерасад (автореф.саҳ.19-20).

Дар қисмати хулоса шакли ҳалли илмии масъалаҳо пешниҳод мегардад, ки комёбиҳои илмии аҳамияти ичтимоидоштаи кори илмиро исбот мекунад.

Автореферат ва корҳои илмие, ки дар мавзуи таҳқиқоти илмӣ нашр гардидаанд, мазмуни асосии рисолаи диссертатсиониро инъикос менамоянд.

Муаллифи рисола роҳу усулҳои истифодаи методҳои гуногуни таҳлилро донишмандона нишон додааст, ки мунтаҳо аз қобилияти баланди гузаронидани таҳқиқоти илмӣ доштани вай гувоҳӣ медиҳад. Кори

диссертатсионӣ натиҷаи заҳматҳои таҳқиқотии муаллиф буда, сатҳи баланди коргузорӣ ва мустақилонаю амиқро ошкор менамояд.

Сарфи назар аз муваффақиятҳо, дар автореферати диссертатсияи номзадии Зокиров С.И. баъзе нуқсону камбудиҳо низ ҷой доранд, ки ислоҳи онҳо боиси тамомияти ҳусни таҳқиқ хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Дар муқаддимаи диссертатсия дар бахши «мубрамияти мавзуи таҳқиқот» хуб мешуд, ки аҳамияти мавзуи интихобшударо бештар мушаххас менамуд.

2. Дар автореферат ғалатҳои техникӣ, имлоӣ ва услубӣ баъзан ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо барои комил гардидани ҳусни диссертатсия муҳим арзёбӣ мегарданд.

Бояд гуфт, ки эродҳои овардашуда ба арзиши илмии диссертатсия таъсир намерасонанд. Аз мазмун ва муҳтавои автореферат чунин бармеояд, ки диссертатсияи номзадии Зокиров Суҳроб Ибодович дар мавзуи «Нақши арзишҳои маънавӣ дар фазои дигаргуниҳои фарҳангии ҷомеаи муосири Тоҷикистон» бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва арзиши назариву амалиаш ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан бо бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ) сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
**Доктори илмҳои фалсафа, дотсенти**
**кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии**
**Бохтар ба номи Носири Хусрав** **Пиров А.К.**

**Имзои А.К. Пировро тасдиқ менамоям:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Носири Хусрав** **Шукурзод Ҷ.А.**

Суроғаи муассиса: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар,
кӯчаи Айни, 67. МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» (ДДБ ба номи Носири Хусрав).
Тел./Факс: +992 (83222) 2-54-81; (83222) 2-22-53;
E-mail: ktsu78@mail.ru; Веб-сайт: https://www.btsu.tj